«Тасдиқ мекунам»

Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”

_________ д.и.т., профессор Муҳиддин Н. Д.

«26» феврали соли 2026

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраҳои забони тоҷикӣ, забони англисӣ ва забони лотинии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” ба диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар мавзуи **“Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансур”- и Закариёи Розӣ** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 106. 2. 1 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар мавзуи **“Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансур”- и Закариёи Розӣ** дар кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” ба шумор мерафт.

Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна соли 1988 ба факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1993 бо ихтисоси филолог-шарқшинос хатм намудааст.

Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна аз соли 2017 ин ҷониб дар вазифаи омузгор дар кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” фаъолият карда истодааст ва бо фармоиши ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” аз 22- юми майи соли 2024 ба ҳайси унвонҷӯйи ғоибонаи кафедраи забони тоҷикии донишгоҳи мазкур қабул карда шудааст.

Диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар мавзуи **“Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансур”- и Закариёи Розӣ”** дар ҷаласаи Шурои олимони факултети тиббии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” аз 24. 05. 2024, №5 тасдиқ шуда, дар кафедраи забони тоҷикии муассисаи зикршуда омода гардидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯй мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” д.и.ф. Низомӣ Санавбар Фахрӣ мебошад.

Диссертатсия дар заминаи нақшаи илмии кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” иҷро гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Мубрамии таҳқиқоти кори диссертатсионӣ вижагиҳои сохториву маъноӣ ва таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббии “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ, инчунин нақши калимаҳои хоссаро дар ташкили ибораистилоҳоти тиббӣ дар асари мавриди назар дар бар мегирад.

**Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна** аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ), забони тоҷикӣ имтиҳони минимуми номзадӣ супоридааст, ки натиҷаи онҳо чунин аст:

-таърих ва фалсафаи илм (аз 05.06.2024, Протоколи №802) баҳои “аъло”;

- забони англисӣ (аз 10.01.2025, Протоколи №5) баҳои “аъло”;

-забони тоҷикӣ (аз 24.02.2026, Протоколи №802/24) баҳои “хуб.

Диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраҳои забони тоҷикӣ, забон англисӣ ва забони лотинии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” муҳокима гардидааст (суратҷаласаи №13 аз 26-уми феврали соли 2026). Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон (Нуров П.Г. д.и.ф. , мудири шуъбаи илмию ташкилии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; Мирзоев

С. номзади илмҳои филология, сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ; Мирзоева М.Ҷ., д.и.ф., профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Калонова М. Ҷ. д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино", Муҳаммадиева З. А. н.и.ф., мудири кафедраи забони лотинии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" баҳои мусбат дода шуда, он ҳамчун кори бaанҷомрасида ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Дар ҷаласаи зикршуда аз баррасии диссертатсия хулосаҳои зерин қабул карда шуд:

–мундариҷа, муҳтаво ва номи мавзуъ ба ихтисоси он мутобиқат мекунад;

–мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илми забоншиносӣ истилоҳшиносӣ алоқаманд аст;

–теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад;

–саҳми бевоситаи довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ назаррас мебошад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи **"Вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансур"- и Закариёи Розӣ"** таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 6. 2. 1 – Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсия дар семинару конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз қабили конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Тибби муосир: анъана ва навоварӣ"(01.12. 2023), МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино", конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ "Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар ҳифзу густариши арзишҳои минтақаи Осиё" (21-22-юми октябри соли 2025), конференсияи илмию амалӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ таҳти унвони "Рушди забонҳои модарӣ дар

замони Истиқлол” (18-уми феврали 2025), конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони “Забон дар масири Истиқлол: мушкилот ва дурнамо” (3.10.2025) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами медиалингвистика ва услубшиносӣ дар замони муосир” (3.10. 2025) ва дар дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуаву маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад** барои ҳалли як қатор масъалаҳои назариявию амалии ба истилоҳсозӣ ва истилоҳнигорӣ робитадошта, дар баррасии минбаъдаи таҳқиқи вижагиҳои истилоҳоти тиббӣ, истилоҳсозӣ, мураттаб намудани фарҳангҳои истилоҳоти тиббӣ, фарҳангҳои тафсирӣ, навиштани дастурҳо ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, сарф, услубшиносӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, дастовардҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо мавриди дарсҳои амалии истилоҳнигорӣ, луғатнигорӣ, калимасозӣ, номшиносӣ ҳамчун воситаи ёрирасони таълим истифода намуд. Диссертатсия дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва фарҳангномаҳои соҳавӣ маводи фаровон дода метавонад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи пурраи мавзуъ, иртиботи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад, вазифа, давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию метологӣ ва навгонӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия бори нахуст дар заминаи омузиши ҳамаҷонибаи маводи таҳқиқшаванда вижагиҳои маъноиву сохторӣ истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 21 фаслу зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3 ҷузъи онро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

**[1-М].** Маҷидова Б.М. Вижагиҳои сохтории вожаи «сар» дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ [Текст] / Б.М. Маджидова //Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.– Душанбе, 2025, № 2 (280).–С.247-249.

**[2-М].** Маҷидова Б.М. Мавқеъ ва истеъмоли истилоҳи раг дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ [Текст] / Б.М. Маджидова // Паёми донишгоҳи забонҳо.– Душанбе, 2025, № 3(59).– С.59-64.

**[3-М].** Маҷидова Б.М. Корбурди истилоҳоти мураккаби тиббӣ дар дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ [Текст] / Б.М. Маджидова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон .– Душанбе, 2025, №4 (59).– С.8- 14.

**[4-М].** Маҷидова Б.М. Корбурди вожаҳо ва истилоҳҳои содаи тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"и Закариёи Розӣ. Паёми донишгоҳи Хоруғ. Бахши илмҳои гуманитарӣ. –Хоруғ, 2025, №4 (04). С. 113-120.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

[5-М]. Маҷидова Б.М. Дар қолаби сифат+исм сохтани истилоҳоти мураккаби тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ" –и Закариёи Розӣ.// Маҷмуаи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар ҳифзу густариши арзишҳои минтақаи Осиё» 21-22-юми октябри соли 2025, ш. Душанбе. с. 342-345

[6-М]. Маҷидова Б. М. Мавқеи истилоҳоти иқтибосии юнонӣ дар «Тибби Мансурӣ» -и Закариёи Розӣ.// Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ

бахшида ба рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони “Забон дар масири Истиқлол: мушкилот ва дурнамо” (3-юми октябри соли 2025).

[7-М]. Маҷидова Б. М. Мавқеи гиёҳҳои шифобахш дар «Тибби Мансурӣ» -и Закариёи Розӣ.// ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино. Душанбе. 31.10.2025.

[8-М]. Маҷидова Б.М. Нақши калимаҳои хосса дар ташкили истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи «Тибби Мансурӣ» -и Закариёи Розӣ ). //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами медиалингвистика ва услубшиносӣ дар замони муосир” (Душанбе, 2025. ) –С. 195-202.

[9-М]. Маҷидова Б.М. Имконоти истилоҳсозии пасванди -ак. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (солонаи YI-умин ) бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Дастовардҳо ва дурнамои рушди илм ва таҳсилоти тиббӣ дар Тоҷикистон”. Данғара, 2025. С. 391-392.

[10-М]. Маҷидова Б.М. Хусусиятҳои истилоҳсозии пасванди -а. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (солонаи YI-умин ), бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Дастовардҳо ва дурнамои рушди илм ва таҳсилоти тиббӣ дар Тоҷикистон”. Данғара, 2025.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар мавзуи **“Вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансур”- и Закариёи Розӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6. 2. 1 – Забони тоҷикӣ кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Маҷидова Баҳринисо Маҳмаҷоновна дар мавзуи **“Вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансур”- и Закариёи Розӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6. 2. 1 – Забони тоҷикӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои

гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраҳои забони тоҷикӣ, забони англисӣ ва забони лотинии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" аз 26-уми феврали соли 2026, суратҷаласаи № 4/25 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
профессори кафедраи забони тоҷикӣ
доктори илмҳои филологӣ: Калонова Маҳина Ҷумъабоевна

Маълумот барои тамос:
Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забони тоҷикӣ: Шодиматзода Малика Каримбердӣ

Имзоҳои М. Калонова ва М. Шодиматоваро
тасдиқ мекунам:
Сардои Раёсати рушди кадрии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино ", н.и.т. Сафаров Б.И.

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj

« 26 » феврали 2026